**Парки технологӣ-инноватсионии Донишгоҳи давлатии Данғара**

Парки технологӣ-инноватсионӣ, идораи таҷрибаомӯзӣ ва фаъолияти соҳибкорӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара дар асоси “Низомномаи намунавӣ оид ба фаъолияти Парки технологии муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ ва илмии соҳавӣ”, ки бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2011, № 13-29 тасдиқ шудааст ва “Низомнома дар бораи паркҳои техникӣ дар Донишгоҳи давлатии Данғара”, ки дар ҷаласаи Шӯрои илмии Донишгоҳ таҳти №1 аз 29.09.с.2016 тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда шудааст.

Аз ҷониби гуруҳи корӣ ҳангоми ташриф овардан ба Донишгоҳи мазкур Парки технологӣ-инноватсионии (минбаъд ПТИ ДДД) дар ҳудуди донишгоҳ ё утоқҳои кории он дида нашуд.

Дар ҳисоботи пешниҳодгардида аз ҷониби Роҳбарияти ДДД маълумотҳои зерин вобаста ба фаъолияти ПТИ ДДД қайд карда шудааст:

Дар қитъаи таълимию таҷрибавии факултети агробиология, стандартизатсия ва тибби байторӣ-и донишгоҳ корҳои илмию татқиқотӣ вобаста ба хусусиятҳои гирифтани се ҳосили дони зироатҳои ғалладонагӣ, гирифтани ду ҳосили дони зироатҳои лӯбиёдонагӣ, омӯзиши киштҳои фосилавӣ, технологияи парвариши зироатҳои гуногун вобаста ба тағйирёбииқлим, ноҳиябандӣ кардани навъи гандуми Моҳи нав, технология парвариши пахта дар шароити баланд будани обҳои зеризаминӣ гузаронида шудааагд. Омӯгорони факултет Ҳафизов А. Расулов Б.Р., Музафарзода Д,М., Мирализода Ҷ., Шарифзода Ҷ., Тураев Ш., корҳои илмиашонро ба роҳ мондаанд. Омӯзгорони факултет Шарифзода Ҷ.Ш дар қитъаҳои таълимию таҷрибавии донишгоҳ корҳои илмии худро ба роҳ монда ба натиҷахои назаррас ноил гашта истодааст.

Нақшаи кори технопар дар асоси фаъолияти марказҳои таълимӣ тренингӣ рушди ҳунармандӣ бо фоидабахшии молиявӣ ва қитъаи замини барои корҳои илмӣ таҳқиқотӣ ҷудошуда ба роҳ монда мешавад.

Дар назди парки технологӣ қитъаи таълимӣ таҷрибавӣ дпр масоҳати 14 га ва дар ҳудуди донишгоҳ 3 га замин ташкил карда шудааст. ки бо мақсади омӯзиши технологияҳои замонави парвариши зироатҳо вобаста ба тағйирёбии иқлим, татбиқи механиконии чорабиниҳои агротехникӣ вобаста ба зироатҳои парваришёбанда , руёндани на камтар аз ду ҳосили хӯроки чорво аз як майдон, иҷрои корҳои илмию татқиқоти донишҷӯёну магистронӯ унвонҷуён вобаста ба рисолаи хатм ва инчуни 1-гармхона дар назди донишгоҳ ба фаъолият шуруъ намудааст, ки барои парвариши сабзавотҳо ва гулҳои ороиши ба роҳ монда шудааст.

Барои ба роҳ мондани фаъолияти инноватсионӣ дар донишгоҳ курсҳои сертификатсиони оид ба технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи

педагогика “Модели омӯзгори замони нав”менеҷер ва маркетинги замони нав, асосҳои соҳибкори, ва фермерӣ ,маҳорати варзишӣ, бофандагию дузандагӣ,тарҳрезӣ ва дӯхтилибоси замонавӣ,гулдӯзи ва дигар ҳунарҳои мардуми ба роҳ монда шудааст.

Менеҷер, Эксперт оид ба истеҳсолоти инноватсиони ва муносибатҳои тиҷоратӣ , эдвайзери идораи барномаҳои фарҳангӣ ва соатҳои экологӣ, агроном-тадқиқотчӣ, тренер-тютери зироатпарвари ва боғдорӣ.

Эксперти идораи курсҳои сертификатсионӣ ва гуруҳи мобилии ташхис ва таъмири техникаи таълими истеҳсолӣ, биржаи озод меҳнат ва рушди фаъолияти соҳибкори донишҷӯёни Донишгоҳи давлати Данғара, маркази идораи курсҳои сертификатсиони ва рушди неруи инсонӣ.

Бо парки технологии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионии ш. Кулоб, Донишгоҳи давлати ш. Бохтар бо номи Носири Хусрав ҳамкориро ба роҳ мондааст.

Устодон ва донишҷӯёни ДДД бо хоҷагиҳои фаъоли ноҳияи Данғара аз ҷумла, хоҷагии деҳқонии “Мухсинҷон”, “Муҳаммад” ва “Баҳористон” ҳамкорӣ намудаанд, ки дар натиҷа дар хоҷагиҳои деҳқонии зикршуда, қитъаи таълимию таҷрибавии Парки технологӣ ва қитъаҳои таълимӣ таҷрибавии гирду атрофи донишгоҳ 3 навъи пахтаи миёнанах кишт ва мавриди парвариш қарор дода шуд. Дар таҷрибаҳои гузаронидашуда ҳолати нашъунамои пахта ва дигар зироатҳо санҷида шуд ва ғайр аз ин дар қитъаи алтернативии пахта вобаста ба шароитҳои хок дида баромада шудаанд.

Роҳбарияти Донишгоҳ бо мақсади кам кардани хароҷотҳои молиявӣ ба соҳибкори муваффақ Қурбонова Ҷамила шартнома баста, дар қитъаи таҷрибавии Донишгоҳ дар масоҳати 7 гектар, пахтаи навъи Флора парвариш намуд.